«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор__________ Раҳмон Д.С.
«30» августи соли 2022

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – МТД «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба диссертатсияи номзадии Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст**

Омӯзишу баррасии равия ва ҷанбаҳоинави илмимуосир яке аз самтҳои муҳимми рушди босамари ҷомеаи мутамаддин ба ҳисоб рафта, муҳаққиқонро водор месозад, ки дар заминаи собиқаи таърихӣ ва дастовардҳои мондагор ба пажӯҳиши ҷараёнҳои нави илм, аз ҷумла, ба омӯзиши масъалаҳои рӯзмарраи илми забоншиносии муосир таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд.

Асри XXI ҳамчун қарни ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти технологияҳои нави иттилоотӣ ном гирифтааст, ки дар чунин шароити рушди босуръати илму техника омӯзиши технологияи иттилоотӣтақозои замони нав ба шумор меравад ва дар ин радиф ҷойгоҳи интернет дар густаришу пешрафти фаъолияти ҷомеа нақши махсусро касб намудааст. Дар шароити кунунӣ рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт ва дигар бахшҳои ҳаётанмуҳими инсонро бе интернет ва тахнологияҳои иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ғафуров Зоир Саъдуллоевич маҳз ба масъалаи муҳим, камомӯхташуда ва нисбатан нави забоншиносии муосир бахшида шуда, муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки бо истифода аз сарчашмаву маводи фаровони таҳқиқ ва корҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисиро мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор диҳад.

Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар баробари рушди технологияҳои компютерӣ, бо

афзоиши маъруфияти интернет дар забон, раванди пайдоиши истилоҳоти нав барои ифодаи мафҳумҳои нав ё муайян ва пешбарӣ кардани маъноҳои нав ва тағйири истилоҳоти куҳна дар робита бо падидаҳои нави ҳаёт водор месозад, ки моҳият ва мазмуни истилоҳоти нав, махсусан, вижагиҳои самти технологияи иттилоотӣ ва компютерӣ, равандҳои пайдоиш ва ташаккули онҳо ба таври мукаммал омӯхта шаванд.

Дар замони муосири рушди технология истифодаи истилоҳоти компютерии марбут ба технологияҳои иттилоотӣ ва муҳити интернет боиси тавсеаи сленгҳои компютерӣ шудааст, алалхусус, падидае мавҷуд аст, ки воридшавии сленгҳои компютерӣ ба нутқи ҳамарӯзаи наврасон ва ҷавонон бештар ба назар мерасад. Маҳз ҳамин раванд муҳаққиқро водор намудааст, ки истилоҳоти нави технологияи инноватсионии иттилоотиро, махсусан, сленгҳои компютериро мавзуи муҳим ва мубрам шумурда, онро мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки бори нахуст дар заминаи омӯзиши дастовардҳои илмиву сарчашмаҳо дар илми забоншиносии муосири тоҷик сленгҳои компютериро бо таснифоти соҳавӣ ва сохторӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба таври нисбатан мукаммал таҳқиқ намудааст. Муаллиф дар таҳқиқоти мазкур тамоми сленгҳои компютерӣ ва вижагиҳои гуногуни соҳавиро дар асоси луғатҳои дузабона ва тафсирӣ, аз ҷумла, фарҳангҳои этимологӣ, энсиклопедӣ, забоншиносӣ, фарҳангҳои истилоҳоти компютерӣ ва ба гунаи онро мавриди муқоиса қарор додааст. Инчунин, мафҳум ва моҳияти сленгҳои компютерӣ ва роҳҳои иқтибосшавии онҳоро аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бори нахуст аз ҷониби муаллиф ба доираи таҳқиқ ворид кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт мебошад.

Муаллиф дар муқаддима тибқи талаботи муқарраршудаи таълифи диссертатсия нукоти асосие, ки қисмати дастгоҳи илмиро комил мегардонад, шарҳу тавзеҳ додааст.

Боби аввали диссертатсия **«Ташаккул ва таҳаввули лексикаи компютерӣ ва интернет дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** унвон гирифта, аз се зербоб таркиб ёфтааст. Муаллиф дар ин боб ташаккули лексикаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳаввулоти лексикаи компютерӣ ва таснифоти он, манбаъҳои лексикаи

компютерӣ ва хусусиятҳои лексикографии онро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст.

Мавзуи баррасишавандаи зербоби аввали ин боб ташаккули лексикаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, дар он заминаҳои пайдо гаштани истилоҳои нав, аз ҷумла, дар соҳаи технологияҳои иттиллотӣ, мароҳили ташаккул ва рушду такомули технологияҳои иттилоотӣ, нақши технологияҳои иттилоотӣ дар ҳалли масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, саноатӣ, назарияи забоншиносону муҳаққиқон доир ба этимологияи истилоҳот, аз ҷумла, дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Зербоби дуюми боби якуми диссертатсия ба таҳаввулу шаклгирии лексемаҳои компютерӣ бахшида шуда, муаллиф дар заминаи омӯзиши назарияҳои муҳаққиқону забоншиносон истилоҳоти соҳаи компютерро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намудааст. Ҳамчунин, дар ин қисмат давраҳои хронологии рушди истилоҳот дар самти омӯзиши функсионалӣ ва прагматикии хусусиятҳои истилоҳоти компютерӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки сленгҳо ҳамчун воситаи муоширати байнифарҳангӣ ба шумор рафта, пайдоиши онҳо аз интернет сарчашма мегирад. Истилоҳоти компютераз забони махсуси барномаҳои компютерӣ ва электроника дар пайвандгоҳи бисёр илмҳо, ба монанди математика, радиотехника, физика ва химия ба вуҷуд меоянд. Аз таҳлил ва мулоҳизаҳои дар боло дарҷгардида метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки ташаккул ва таҳаввулоти лексикаи компютерӣ давраҳои гуногунро сипарӣ намудааст. Дар баробари истилоҳот сленгҳои компютерӣ ҳам ба вуҷуд омадаанд. Раванди пайдоиши истилоҳот ва сленгҳои компютерӣ дар забони тоҷикӣ ба мисли забонҳои дигар идома дорад.

Мавзуи омӯзиши зербоби сеюми боби аввал манбаъҳои лексикаи компютерӣ ва хусусиятҳои лексикографии он ихтисос ёфта, дар он муаллиф доир ба мушкилоти аосоии луғату истилоҳоти соҳавӣ дар луғатшиносии илмӣ-техникӣ маълумот дода, сипас қайд намудааст, ки бо дарки зарурати лексикографияи системавӣ ва тафсири истилоҳоти илмӣ, тартибдиҳандагони луғатҳои махсус кӯшиш мекунанд, ки усулҳои мувофиқро истифода намуда, истилоҳро дар шакли саҳеҳ маънидод намоянд. Дар луғатнигории муосир се тарзи ҷой додани воҳидҳои луғавӣ дар луғат шарҳу тасфир ёфтааст. Дар идомаи таҳқиқи муаллиф назарияи муҳаққиқ В.И. Кодухов доир ба тартиби луғати тафсирӣ бо ҷузъиёташон шарҳу тафсир намудааст. Ҳамзамон, дар ин зербоб саҳми забоншиноси

сермаҳсул С. Назарзода дар таҳияи дастурҳои коргузорӣ ва луғатҳои истилоҳоти соҳавӣ бо забони тоҷикӣ нишон додааст.

Боби дуюми таҳқиқот ба **«Таснифи соҳавии лексика ва истилоҳоти технологияи иттилоотии даврони муосир»** бахшида шуда, аз се зербоб иборат аст. Масъалаҳои баррасишавандаи боби мазкур қабатҳои лексикаи компютерӣ ва технологияи иттилоотии даврони муосир, таснифоти сохтории истилоҳоти компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ, вижагоҳои сохтории сленгҳои компютерӣ мебошанд, ки муаллиф бо истифода аз манобеъ ва методҳои таҳқиқ масъалаҳои гузошташударо аз нигоҳи илмӣ баррасӣ намудааст. Илова бар ин, дар ин боб муаллиф гурӯҳҳои мухталифи сленгҳои компютериро бо шохаҳои алоҳида тасниф намудааст, ки яке аз навгониҳои асосии таҳқиқот ин нишондод ба ҳисоб меравад.

Дар зербоби якуми боби мазкур оид ба истилоҳоти компютерии дастгоҳҳои техникӣ, сленгҳои компютерие, ки дар сахтафзор ва нармафзор истифода мешавад, як қатор мисолҳо оварда шудаанд. Инчунин, гурӯҳи сленги истилоҳоти шабакавӣ дар ин зербоб гурӯҳбандӣ ва таҳлил шудаанд.

Дар зербоби дуюми боби мазкур сухан дар бораи таснифоти сохтории истилоҳоти компютерӣ ва технологияи иттилоотӣ меравад. Қайд карда мешавад, ки ҳамаи истилоҳот ва сленгҳои компютерӣ бо роҳҳои калимасозии аффиксӣ, конверсия, воҳидҳои луғавии мураккаби тобеъ ва ихтисорот сохта шудаанд.

Зербоби сеюми боби мазкур ба вижагиҳои сохтории сленгҳои компютерӣ бахшида шуда, муаллиф дар ин қисмат роҳҳои маъмули ташаккули калимасозии сленгизмҳоро аз нигоҳи илмӣ гурӯҳбандӣ намудааст.

Боби сеюми рисола **«Сленгҳо ҳамчун қабати махсуси лексикаи компютерӣ»** ном дошта, ба се зербоб ҷудо гардидааст. Муаллиф дар зербоби аввали боби мазкур ҳамчун мавзуи таҳқиқро ба ташаккул ва таҳаввули сленгҳо дар лексикаи компютерӣ ва вижагиҳои хоси онҳо бахшида, дар он оид ба сленги марбут ба чатҳо, сленги хизматрасонии шабакавӣ (Web services), таснифоти гурӯҳҳои мухталифи сленги компютерӣ маълумот оварда, дар натиҷаи таҳқиқ қайд намудааст, ки лексикаи компютерӣ сленг ва вижагиҳои соҳаҳои гуногунро фаро мегирад ва ҳар як соҳа дар алоҳидагӣ бо рушду такомули илму техника ҳамеша дар раванди тағйирёбӣ ва ташаккулёбӣ мебошад.

Зербоби охирини боби сеюм вижагиҳои маъноӣ, луғавӣ ва сохтории сленгҳои компютерӣ бахшида шуда, зимни баррасии

масъалаҳои мазкур таъкид намудааст, ки фасли мазкур на танҳо масъалаҳои сохтори маъноӣ ва луғавии сленгҳоро фарогир мебошад, инчунин, дар ин боб роҳҳо ва тарзҳои пайдоиши сленгҳои компютерӣ баррасӣ шудаанд ва маълум мегардад, ки сленгҳои компютерӣ бо роҳи *калка, нимкалка, тарҷума, омонимияи фонетикӣ* ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд. Ҳамзамон, дар ин боб муаллиф оид ба пайдоишу густариш ва шаклгирии сленгҳои хоси компютер дар забони англисӣ ва роҳҳои калимасозӣ маълумот додааст.

Ҳамин тавр, ҳар бобу фасли диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси илмӣ ҷамъбаст гардида, масъалаҳои матраҳшуда ҳалли худро ёфтаанд.

Хулосаи диссертатсия ҷамъи ақидаву натиҷаҳои таҳқиқ буда, дар он якчанд тавсияҳои муаҳаққиқ оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо баён шудаанд, ки он бешак ба рушди забоншиносии муосир муосидат мекунанд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадааст, ки интишороти мазкур дар доираи таҳқиқоти мазкур анҷом дода шудаанд.

Бо вуҷуди дастоварду муваффақиятҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Зербоби аввали боби якуми диссертатсия “Ташаккули лексикаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” номгузори шуда, дар он то ҳадде доир ба масоили назариявии лексема ва истилоҳоти компютерӣ маълумот дода шудааст. Хуб мешуд, ки муаллиф доир ба ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ зербоби вижа ихтисос медод ва ё ин масоилро фаррохтар корбаст менамуд.

2. Хуб мешуд, ки агар муаллиф мисолҳоро дар забонҳои баррасишаванда вобаста ба мавриди истифодаашон нишон дода, фарқияту айнияти истилоҳоти соҳаи технологияи иттилоотиро бо шарҳу тавзеҳи мушаххас маънидод менамуд.

3. Муаллиф дар пажуҳиши хеш назару андешаҳои муаҳаққиқони ватаниву хориҷиро роҷеъ ба истилоҳот, аз ҷумла, истилоҳоти марбут ба технологияҳои иттилоотӣ шарҳу тафсир додааст, аммо мавқеи худро дар баъзе ҳолат муайян накардааст.

4. Муаллифро мебоист, ки дар баробари маънидод намудани ҷанбаҳои маъноӣ ва луғавии сленгҳои компютерӣ ба шарҳи вижагиҳои сохторию маъноии онҳо низ аҳамият медод.

5. Дар кор баъзе хатогиҳои имлоӣ ва китобатӣ ба чашм мерасад.

Мавриди зикр аст, ки камбудиҳои мазкур характери тавсиявӣ дошта, мазмуну мухтаво ва арзиши илмии кори диссертатсиониро коста намекунанд ва дар сурати ислоҳи онҳо қимати кор боз ҳам хубтар хоҳад шуд.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, ба талабот ҷавобгӯ аст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Ғафуров Зоир Саъдуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Такриз дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 29 августи соли 2022, протоколи №1/3 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Протоколи № 1/3 аз 29 августи соли 2022.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илми филология,
мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Муродов Баҳриддин Раҳмонович

**Ташхисгарон:**
номзади илми филология, мудири кафедраи методикаи
таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Гуламадшоев Ш.Ш.

номзади илми филологияи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Гулямов Ҳ.Қ.

**Котиби илмии ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Маҳсудинов Р.И.

«Имзоҳои н.и.ф., Муродов Б.Р., Гуламадшоев Ш.Ш., Гулямов Ҳ. ва муаллими калон Маҳсудинов Р.И.-ро тасдиқ мекунам»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф. А.
«30» 08 соли 2022

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj